MOORE

LLC Moore Stephens

Address: 24 A, Ayni str, 301
Dushanbe, Tajikistan

T [44] 601 52 52
[44] 601 53 53

www.moore.tj
info@moore.tj

## ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАҚИЛ

**Ба Шӯрои Парасторони ФҚХ "Фонди бозтамвил"**

**Ҳисобот оид ба Аудити Ҳисоботи Молиявӣ**

***Ақида***

Мо ҳисоботи молиявии ФҚХ "Фонди бозтамвил" (минбаъд "Фонд") - ро, ки аз ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ, ҳисобот оид даромади умумӣ, ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ ва ҳисобот оид ба гардиши сармоя ба санаи 31 декабри соли 2020 таркиб ёфтааст, ва инчунин шарҳи ҳисоботи молиявӣ ва дигар сиёсатҳои ҳисобдории қобили таваҷҷуҳро, аудит гузаронидем.

Ба ақидаи мо, ҳисоботҳои молиявии дар замима овардашуда, ҳолати молиявии Фондро ба ҳолати 31 декабри соли 2020 пурра ва дуруст инъикос менамоянд, нишондодҳои молиявӣ ва гардиши воситаҳои пулии он ба санаи 31 декабри соли 2020 ба талаботҳои Стандартҳои Байналмиллалии Ҳисоботи Молиявӣ (минбаъд "СБҲМ") ба таври саҳеҳ мувофиқат мекунанд.

***Асос Барои Изҳори Ақида***

Мо аудити худро дар асоси Стандартҳои Байналмиллалии Аудит (СБА) гузаронидем. Ухдадории мо тахти стандартхои зикргардида, дар қисмати Ухдадориҳои Аудиторон дар Гузаронидани Аудити Ҳисоботи Молиявӣ зикр гардидаанд. Мувофиқи талаботҳои Кодекси Этикии Ҳисобдорони Касбӣ (IESBA Code), ки аз ҷониби Ҳайати Байналмиллалии Стандартҳои Этики барои Ҳисобдорон қабул гардидааст, мо аз Фонд вобастагӣ надорем, мустақил мебошем ва дигар уҳдадориҳои этикии худро мувофиқи талаботҳои кодекси этикии зикргардида иҷро намудем.

Мо муътақидем, ки далелҳои ба дастовардашуда барои ибрози ақидаи асосонок кофӣ ва мувофиқ мебошанд.

***Уҳдадориҳои роҳбарият дар тайёр намудани ҳисоботи молиявӣ***

Роҳбарият барои дурустии тартиб додан ва пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ дар мувофиқати бо Стандартҳои Байналмиллалии Ҳисоботи Молиявӣ ӯҳдадор аст. Инчунин, роҳбарият ухдадор аст, ки низоми назорати дохилии Фондро тарзе ба роҳ монад, ки ба хатоӣ ё норасоӣ дар тартиб додани ҳисоботи молиявӣ роҳ надиҳад.

Дар таҳия намудани Ҳисоботи Молиявӣ, роҳбарият барои арзёбии иқтидори фонд оид ба идомаи фаъолият, ошкорнамоӣ, ва дигар мавридҳои марбут ба идомаи фаъолият уҳдадор мебошад. Инчунин, роҳбарият дар таъмини низоми ҳисобдории дар асоси фаъолияти бефосилаи фонд уҳдадор мебошад, ба истиснои онки агар роҳбарият азми катъ намудани фаъолияти онро ё ба таваққуф гузоштани амалиёти он дошта бошад, инчунин агар ҳеҷгуна азми воқеии дигар оид ба давом додани фаъолияти онро надошта бошад.

Шахсоне, ки ба идоракунии корпоративии Фонд масъуланд, барои назорати чараёни таҳияи ҳисоботи молиявӣ ухдадоранд.

***Масъулияти аудиторон дар гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ***

Ҳадафҳои мо ин ба даст овардани итминони асоснок дар бораи онки Ҳисоботи Молиявӣ дар маҷмӯъ аз иштибоҳоти моддӣ, ки дар натиҷаи хатогӣ ё тақаллубкорӣ ба вуҷуд меоянд, холӣ мебошад ва дар ин асос додани хулосаи аудитӣ ва ақидаи аудит. Итминони асоснок ин сатҳи баланди итминон аст, аммо кафолати он нест, ки аудити мутобиқи Стандартҳои байнанмиллалии аудит (ISAs) гузаронидашуда ҳама вақт таҳрифҳои ҷиддиро ҳангоми мавҷудияти он ошкор мекунад. Таҳрифҳо метавонанд дар натиҷаи амали бевиҷдонона ё иштибоҳ ба вуҷуд оянд ва дар ҳамон ҳолат ҷиддӣ ба ҳисоб меравонд, ки дар алоҳидагӣ ё дар маҷмӯъ онҳо ба қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон, ки дар асоси ин ҳисоботи молиявии мазкур қабул шудаанд, таъсир расонанд.

Дар доираи аудит мувофиқи СБА, мо аз мулоҳизаҳои касбӣ истифода мебарем, ва таваҷҷуҳи касбиро дар тамоми давраи гузаронидани аудит нигоҳ медорем. Инчунин:

- Муайян намудан ва арзёбии хавфҳо вобаста ба таҳрифоти ҷиддии ҳисоботи молиявӣ, ки дар натиҷаи амали бевиҷдонона ё иштибоҳ ба вуҷуд омадаанд, тартиб додани расмиётҳои аудитӣ вобаста ба ин хавфҳо бо мақсади дастрас намудани далелҳои кофӣ барои ибрози ақида дар ҳисоботи аудиторӣ. Хавфи ошкор накардани таҳрифи ҷиддии дар натиҷаи амали бевиҷдонона бавуҷудомада нисбат ба хатогиҳои дар натиҷаи иштибоҳ ба вуҷуд омада, зиёдтар аст, зеро қаллобӣ метавонад созиш, сохтакорӣ, беэътиноии қасдан, пешниҳоди маълумоди таҳрифшуда ва ё аз ҷониби роҳбарият ғайримақсаднок истифодабарии низоми назорати дохилиро дар бар гирад.
- Ба даст овардани маълумот оиди низоми назорати дохилии марбуд ба аудит, бо мақсади коркард ва таҳияи расмиёти аудитӣ, ки ба он ҳолат мутобиқат менамоянд, барои изҳори ақида намудан оид ба самаранокии низоми назорати дохилии фонд;
- Баҳогузории мувофиқат намудани сиёсати ҳисобдории истифодагардида ва асоснокии тахминҳои ҳисобдории қабулгардида ва таҳрифҳои аз ҷониби роҳбарият намудашуда;
- Хулосабарорӣ оид ба мувофиқатии аз ҷониби роҳбарият истифода гардидани заминаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ; дар асоси далелҳои аудитии гирифташуда арзёби намудани ҷабҳаҳое, ки оид ба муназзам фаъолият намудани фонд шубҳаоваранд. Агар мо хулосабарори намоем, ки номуайянии ҷиддӣ дар фонд вуҷуд дорад, мо уҳдадорем, ки дар хулосаи аудитии худ ба чунин таҳрифи Ҳисоботи Молиявӣ ишора намоем ва агар чунин таҳрифҳо кифоя набошанд, пас уҳдадорем, ки хулосаи аудитии худро тағйир диҳем. Ақидаи аудитии мо аз далелҳои бадастовардашудаи мо то санаи пешниҳоди ҳисобот асос ёфтааст. Аммо, ҳаводиси пас аз санаи пешниҳоди ҳисоботи аудитӣ баамал омада метавонанд, боиси суст ё қатъ гардидани фаъолияти фонд гарданд.
- Баҳогузории дар умум пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ, сохтор ва муҳтавои он, аз он ҷумла таҳрифҳо ва инчунин оё ҳисоботи молиявӣ амалиётҳо ва руйдодҳоро бо тарзе инъикос намудааст, ки ба пешниҳоди одилонаи он ноил гардад.

Мо бо масъулини Фонд оид ба масъалаҳои дигар, доир ба миқёси банақшагирифташуда ва мӯҳлати гузаронидани аудит ва натиҷаҳои назарраси он, аз ҷумла ҳама камбудиҳои ҷиддии назорати дохилӣ, ки ҳангоми санҷиш муайян намудем, суҳбат гузаронидем.

**Тешаев С.М. Шарики идоракунанда**

Шаҳодатномаи тахассусӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
No 0000242 аз 4/12/2017с.

**ҶДММ «Моор Стивенс»**
Иҷозатномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
№0000138 аз 12/07/2019с.

Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон
№0000122 аз 08/06/2020 с.

**ФҚХ "ФОНДИ БОЗТАМВИЛ"**

**ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ**
**БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2020**
*(бо пули миллӣ сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2020 | 2019 |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳо** | | | |
| Воситаҳои пулӣ | **5** | 221,349,857 | 89,744,878 |
| Воситаҳо дар дигар ташкилотҳои молиявӣ | | - | 40,000,000 |
| Қарз ба муштариён | **6** | 61,560,798 | 70,508,943 |
| Воситаҳои асосӣ | **7** | 102,377 | 187,129 |
| Дороиҳои ғайри-моддӣ | **8** | 158,728 | 25,341 |
| Андози батаъхиргузошташуда | **18** | - | 4,790 |
| Дигар дороиҳо | **9** | 1,793,075 | 2,324,600 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **284,964,835** | **202,795,681** |
| **Уҳдадориҳо** | | | |
| Барои пардохт ба бонкҳо ва дигар институтҳои молиявӣ | **10** | 55,667,877 | 44,854,768 |
| Андоз аз фоида барои пардохт | **11** | 1,583,962 | - |
| Дигар уҳдадориҳо | **12** | 89.803 | - |
| **Ҳамагӣ уҳдадориҳо** | | **57,341,642** | **44,854,768** |
| **Сармояи худӣ** | | | |
| Захираҳои асосӣ | **13** | 5,136,128 | 1,416,804 |
| Захираҳо барои амалиётҳои оянда | | 220,107,703 | 152,804,784 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 2,379,362 | 3,719,325 |
| **Ҳамагӣ сармоя** | | **227,623,193** | **157,940,913** |
| **Ҳамагӣ сармоя ва уҳдадориҳо** | | **284,964,835** | **202,795,681** |

Раҳмонзода Шариф

Раиси раёсат

Саъдуллоев Диловар

Директори молиявӣ

Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

12 Марти 2021

Шарҳҳои дар саҳифаҳои 9-39 овардашуда, қисми ҷудонагардидаи ҳисоботи молиявӣ мебошанд

**ФҚХ "ФОНДИ БОЗТАМВИЛ"**

**ҲИСОБОТ ОИДИ ДАРОМАДИ УМУМӢ**
**БА САНАИ 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2020**
*(бо пули миллӣ сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2020 | 2019 |
|---|---|---|---|
| Даромадҳои фоизӣ | 14 | 8,158,769 | 9,598,343 |
| Хароҷоти фоизӣ | 14 | - | - |
| **Даромади софи фоизӣ пеш аз захираҳои барои талафоти имконпазир** | | **8,158,769** | **9,598,343** |
| Захираи баҳодиҳии қарзҳо | 6 | - | 455,867 |
| **Даромади фоизии соф** | | **8,158,769** | **9,142,476** |
| Хароҷоти комиссионӣ | 15 | (11,271) | (16,496) |
| Дигар даромадҳои амалиётӣ | 16 | 13,515 | 238,281 |
| **Даромадҳои ғайри-амалиётӣ** | | **-** | **-** |
| **Даромадҳои амалиётӣ** | | **2,244** | **221,785** |
| Хароҷоти маъмурӣ | 17 | (2,999,805) | (4,288,534) |
| **Фоида пеш аз андозбандӣ** | | **5,161,208** | **5,075,727** |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 18 | (2,781,846) | (1,356,402) |
| **Фоидаи соф** | | **2,379,362** | **3,719,325** |

Раҳмонзода Шариф
Раиси раёсат

Саъдуллоев Диловар
Директори молиявӣ

Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

12 Марти 2021

**ФҚХ “ФОНДИ БОЗТАМВИЛ”**

**ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ САРМОЯИ ХУДӢ**
**БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2020**
*(бо пули миллӣ сомонӣ)*

| | Захираи умумӣ | Захира барои фаъолияти ояндаи фонд | Фоидаи тақсимношуда | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| **Ба 1 январи 2019** | **579,702** | **101,739,068** | **381,235** | **102,700,005** |
| Зиёдшавии захираҳо | 837,102 | 51,065,716 | - | 51,902,818 |
| Фоидаи соли ҷорӣ | - | - | 3,338,090 | 3,338,090 |
| **Ба 31 декабри 2019** | **1,416,804** | **152,804,874** | **3,719,325** | **157,940,913** |
| Зиёдшавии захираҳо | 3,719,324 | 67,302,829 | (3,719,325) | 67,302,829 |
| Фоидаи соли ҷорӣ | - | - | 2,379,362 | 2,379,362 |
| **Ба 31 декабри 2020** | **5,136,128** | **220,107,703** | **2,379,362** | **227,623,193** |

Раҳмонзода Шариф
Раиси раёсат

Саъдуллоев Диловар
Директори молиявӣ

Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
12 Марти 2021

Шарҳҳои дар саҳифаҳои 9-39 овардашуда, қисми ҷудонагардидаи ҳисоботи молиявӣ мебошанд

**ФҚХ "ФОНДИ БОЗТАМВИЛ"**

**ҲИСОБОТ ОИДИ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛЛӢ**
**БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2020**
*(бо пули миллӣ сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2020 | 2019 |
|---|---|---|---|
| **Фоида пеш аз андозбандӣ** | | **5,161,208** | **5,075,727** |
| Тасҳеҳҳот барои | | - | - |
| Захираҳо барои қарзҳои беэътимод | | - | 455,867 |
| Хурдашавӣ | | 118,566 | 85,266 |
| Даромадҳои софи фоизӣ | | 161,292 | (353,732) |
| **Тағйироти соф пеш аз тағйироти амалиётӣ** | | **5,118,482** | **5,263,128** |
| Тағйирот дар воситаҳои дар дигар институтҳои молиявӣ буда | | 40,000,000 | 20,000,000 |
| Тағйирот дар қарзҳои байнибонкӣ | | 8,948,145 | (41,355,357) |
| Тағйирот дар дигар дороиҳо | | 531,525 | (2,265,417) |
| Тағйирот дар дигар уҳдадориҳо | | 12,486,874 | 31,761,085 |
| **Хориҷшавӣ / (воридшавӣ) аз фаъолияти амалиётӣ** | | **67,085,26** | **13,403,439** |
| Пардохти андоз аз фоида | | (1,198,285) | (1,446,470) |
| Даромадҳои фоизии гирифташуда | | - | - |
| **Воридшавӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | | **65,886,741** | **11,956,969** |
| **Фаъолияти сармоягузорӣ** | | | |
| Хариди амвол ва таҷҳизот | 7 | - | - |
| Хариди дороиҳои ғайримоддӣ | 8 | (167,200) | (29,730) |
| **Хориҷшавӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | **(167,200)** | **(29,730)** |
| **Фаъолияти молиявӣ** | | | |
| Дивидендҳои пардохтшуда | | - | - |
| Тағйирёбӣ дар захираҳо барои амалиётҳои оянда ва захираҳои асосӣ | | 65,885,438 | 51,521,583 |
| Маблағҳои гирифташуда аз дигар муассисаҳои молиявӣ | | - | - |
| Маблағҳои пардохтшуда ба дигар муассисаҳои молиявӣ | | - | - |
| **Хориҷшавӣ аз амалиётҳои молиявӣ** | | **65,885,438** | **51,521,583** |
| Ивазшавии соф | | 131,604,979 | 63,448,822 |
| **Воситаҳои пулӣ ба 1 январи 2020** | 5 | **89,744,878** | **26,296,056** |
| **Воситаҳои пулӣ ба 31 декабри 2020** | 5 | **221,349,857** | **89,744,878** |

Раҳмонзода Шариф
Раиси раёсат

Саъдуллоев Диловар
Директори молиявӣ

Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

12 Марти 2021

Шарҳҳои дар саҳифаҳои 9-39 овардашуда, қисми ҷудонагардидаи ҳисоботи молиявӣ мебошанд